## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

### ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023

Ба ҳолати 30 сентябри соли 2023 дар бозори суғуртаи кишвар 16 адад ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) фаъолият намуданд, ки аз ин теъдод 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 15 ададро ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и ғайридавлатӣ ташкил медиҳанд. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар муқоиса ба нуҳ моҳи соли 2022 вобаста ба дағалона вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо қарори Суди иқтисодии ш. Душанбе бекор карда шудани иҷозатномаи ҶДММ “ТС Меҳрубон” ва барҳамхӯрии ихтиёрии ҶСП “ТС Кафил” ба ду адад кам шуданд. Шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошанд, дар ин давра 66 ададро ташкил дода, бетағйир боқӣ мондаанд.

***Ҷадвали 1. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва филиалҳои онҳо дар нуҳ моҳи соли 2023***

**(бо адад)**

| | 9/2022 | 9/2023 | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | 18 | 16 | -2 |
| ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 1 | 1 | 0 |
| ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 17 | 15 | -2 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 66 | 66 | 0 |

**Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** афзоиши назаррасро касб намуда, дар нуҳ моҳи соли 2023 ба 805,0 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 192,6 млн. сомонӣ (31,5 фоиз) зиёд мебошад.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 2,3 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад, 0,6 фоизро ташкил намуд.

*Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




**Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии)** кишвар ба 341,1 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 116,0 млн. сомонӣ (51,6 фоиз) афзоиш ёфт.

*Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




**Маблағҳои худии (сармояи)[1] низоми суғуртаи кишвар** дар нуҳ моҳи соли 2023 маблағи 463,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 76,6 млн. сомонӣ (19,8 фоиз) зиёд гардид, ки нишондиҳандаи мазкур аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавӣ, фоидаи тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ ва сармояи захиравӣ ба амал омадааст.

---

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

Сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ дар ин давра маблағи 333,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба нуҳ моҳи соли 2022 ба андозаи 54,2 млн. сомонӣ (19,4 фоиз) афзуд.

Риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ боиси афзудани сармояи (фонди) оинномавӣ ва устувор шудани пойгоҳи пулии онҳо гардидааст.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2016-2022ва нуҳ моҳи соли 2023*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар давраи ҳисоботӣ ба 1 590,5 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 148 744 ҳазор адад (10,3 фоиз) зиёд мебошад. Афзоиши мазкур ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъсири мусбӣ расонида, аз зиёд шудани суғуртакунонӣ дар байни аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

***Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023***




**Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** дар давоми моҳҳои январ-сентябри соли 2023 295,7 млн. сомониро ташкил

дод. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) раванди афзоишёбии устуворро касб намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 66,2 млн. сомонӣ (28,8 фоиз) зиёд гардидааст.

*Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




Дар нуҳ моҳи соли 2023 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ 850,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 77,0 ҳазор сомонӣ (9,9 фоиз) зиёд мебошад. Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба 59,5 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,4 млн. сомонӣ (21,2 фоиз) афзуд.

*Диаграммаи 7. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ тибқи натиҷаи нуҳ моҳи соли 2023 ба 235,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 79,6 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавиро дар низом ташкил медиҳад. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи

ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 55,7 млн. сомонӣ (30,9 фоиз) афзудааст.

**Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар моҳҳои январ – сентябри соли ҳисоботӣ маблағи 118,0 млрд. сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 47,2 млрд. сомонӣ (66,5 фоиз) зиёд шудааст.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 84,8 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40,7 млрд. сомонӣ (92,3 фоиз) афзоиш ёфтаанд.

*Диаграммаи 8. Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022 ва нуҳ моҳи с.2023*




*Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022 ва нуҳ моҳи с. 2023*




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи низоми суғурта** бошад[2], дар нуҳ моҳи соли 2023 ба андозаи 101,4 млн. сомонӣ баробар шуда, ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 36,8 млн. сомонӣ (56,9 фоиз) зиёд мебошад. Раванди мазкур аз як тараф ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъсири мусбат дошта аз тарафи дигар боиси берун рафтани сармояи дохилӣ ва рушд накардани низоми азнавсуғуртакунии миллӣ мегардад.

**Ташаккулёбӣ ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ**, ки далели саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, дар давраи ҳисоботӣ афзоиши назаррас дошта, ба маблағи 265,9 млн. сомонӣ баробар гардид, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 102,1 млн. сомонӣ (62,4 фоиз) зиёд мебошад.

---

[2] Амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ, ки барои кам кардани уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби дар ин марҳила мавҷуд набудани ташкилоти азнавсуғуртакунӣ дар бозори суғуртаи кишвар тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода шуданд.

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар давраи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба 16,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 - 432,8 ҳаз. сомонӣ (-2,5 фоиз) камтар мебошад.

*Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




*Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2016-2022 ва нуҳ моҳи соли 2023*




**Ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар низоми бонкии кишвар дар нуҳ моҳи соли 2023 маблағи 59,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 21,4 млн. сомонӣ (56,0 фоиз) афзоиш ёфтааст ва раванди мазкур сахми бозори суғуртаро ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар зиёд намуда истодааст.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** аз рӯи натиҷаи нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба 97,1 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 18,0 млн. сомонӣ (22,8 фоиз) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои самаранокии низоми суғуртаи кишвар аз рӯи дороиҳо (ROA) дар нуҳ моҳи соли 2023 ба ҳисоби миёна 12,1 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя (ROE) бошад, ба 20,9 фоиз баробар гардид.